**Хулосаи**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш”” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ**

“1” 04 соли 2023 ш. Душанбе

Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна ба муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” бахшида шудааст. Маълум аст, ки дар осори классикии тоҷик дар ғанӣ гардондани таркиби ибора ва ҷумлаҳо дар осори насри классикии тоҷик нақши муродифот назаррас аст. Омӯзишу баррасии муродифоти ибораю ҷумла дар осори классикии тоҷик яке аз вазифаҳои мубрами забоншиносони муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Унсурҳои забонии наҳвии “Чор дарвеш” яке аз захираҳои бою боэътимоди муродифоти наҳвии забони адабии тоҷик маҳсуб мешавад. Ҳамчунин, дар “Чор дарвеш” вожаҳою ибора ва ҷумлаҳои зиёде корбаст шуданд, ки фарогири соҳаҳои гуногуни ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқ ва баррасии муродифоти ибораҳо ва ҷумлаҳо муҳимму арзишманд ба шумор меравад, зеро осари гаронбаҳои “Чор дарвеш” барои муайян ва равшан намудани рушди муродифот аз як шакл дар шаклҳои дигар гардонидани ибораю ҷумла дар забони адабии классикии тоҷик зарур буда, дар асоси маълумоти асарҳои таърихӣ забони тоҷикиро дар муқоиса ба ҳолати имрӯзаи он муайян кардан мумкин аст. Дар таҳқиқоти мазкур на танҳо низоми муродифоти забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои умумии ташаккули он, ҳамчунин, ба қисмҳои алоҳидаи семантикӣ, гурӯҳҳои луғавӣ ва маъноии “Чор дарвеш” диққат дода шудааст. Ҳангоми баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои забонии осори насрии тоҷику форс имконият фароҳам меояд, ки ҷанбаҳои мавзуӣ, семантикӣ, баромади вожа ва ибораҳо муайян карда шуда, раванди ғанӣ гардондани таркиби наҳвии забони тоҷикӣ ошкор карда шавад. Дар забони тоҷикӣ омӯзиш ва таҳқиқи забон ва услуби насри суннатии “Чор дарвеш” то ба имрӯз аз масъалаҳои мубрам ва айнизамонӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, таҳқиқоти Иброимова Гуландом Наимовна аввалин таҳқиқотест, ки дар он вижагиҳои синтаксисии “Чор дарвеш”, ки бо устуворӣ ва ғанӣ будани худ аз дигар асарҳо тафовут дошта, дар гуфтор, оҳангу тобишҳои гушнавозу

пурмуҳтаво дар дараҷаи баланд қарор доранд, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар ин рисола муҳаккиқ тавонистааст, ки қолибҳои зиёди муродифиро, ки басо мубрам ва муҳим маҳсуб мешаванд, истифода бурда, ба риштаи таҳқиқ кашад.

Ҳамзамон, зарурати омӯзиши муродифоти грамматикӣ дар “Чор дарвеш” дар муқоиса бо забони адабӣ аз он ҷиҳат муфид аст, ки онҳо узван бо ҳам алоқаманд буда, дар иртиботи якдигар инкишоф мeёбанд ва таъсири мутақобилаи онҳо вобаста ба марҳилаҳои мухталифи инкишофи таърихии ҳаёти халқи ҳамонвақта сурат мегирад. Ба риштаи таҳқиқ кашидани ҷанбаҳои мухталифи унсурҳои забони “Чор дарвеш” имкон медиҳад, ки воқеаву ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ дар шакли афсонаҳои қадима бо тамоми ҷузъиёташ ва тобишҳои гуногун муаррифӣ шаванд.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар ба низом даровардани қолабҳои ибораҳои номии ҳаммаъно ва ҷумлаҳои сода маҳсуб мешавад. Инчунин, муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки зимни таҳлили наҳвии ”Чор дарвеш” унсурҳои гаронарзиши суннатиро ба мардум муаррифӣ намояд.

Инчунин, дар диссертатсияи мазкур калима, ибора ва як қатор ҷумлаҳое истифода шудаанд, ки дар чанд шакл хусусияти муродифшавӣ доранд. Диссертант маълумотҳои дуруст пешниҳод намуда, вижагиҳои услубии унсурҳои забонӣ ва категорияҳои луғавии ба он монанди муродифоти грамматикӣ, калимаҳои мураккаби аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ бавуҷудомада, ки дар забоншиносии муосир басо муҳим аст, таҳлил карда шудааст.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки таҳқиқ ва омӯзиши муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш”, ки то айни замон омӯхта нашудааст, бори аввал мавриди таҳқиқи муфассал ва ҳаматарафа қарор дода шавад ва натиҷаҳои он ба пажуҳишгарону таҳқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаҳои мухталифи унсурҳои забони классикиро мавриди баррасӣ қарор доданианд, ҳамчун маводи пурарзиш хизмат намояд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ” аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 9 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш”” таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. -Забони тоҷикӣ, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пениҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Шафоатов Азал Нусратович** - доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов”;

- **Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики муассисаи давлатии таълимии коллеҷи омӯзгории “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафурови шаҳри Хуҷанд” пешниҳод карда мешавад.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ**:
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов О. Ҳ.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви комиссияи ташхис Нозимов А. А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илми филология, дотсент,
узви комиссияи ташхис Мирбобоев А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС